**ҚОИДАҲОИ (РЕГЛАМЕНТИ)**
**истифода ва иштирок дар портали миллии караокеи «ОҳангБазм»**

Қоидаҳои истифода ва иштирок дар портали миллии караокеи «ОҳангБазм» (минбаъд – «Портал» ё «Хизматрасонӣ»), аз ҷониби ҶДММ «Паёми Аср» (минбаъд – «Ташкилкунанда»), ки аз 21 июли соли 2026 дар минтақаи хизматрасонии шабакаи алоқаи мобилии – ҶСП «Вавилон-Мобайл» (минбаъд – «Оператор»), ки хизматрасониҳои алоқаро зери тамғаи молии (аломати хизматрасонии) «Babilon-Mobile» пешниҳод менамояд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, ташкил ва гузаронида мешавад. Қоидаҳои мазкур (минбаъд дар матн – «Қоидаҳо») оферта (минбаъд дар матн – «Оферта») буда, ба Муштариёни Оператор равона гардидааст.

1. Истилоҳот ва таърифҳо

1.1. «МУШТАРӢ» (МУШТАРИЁН) – шахсоне, ки бо ОПЕРАТОР шартнома оид ба расонидани хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ бастаанд.

1.2. «Оператор» – ҶСП «Вавилон-Мобайл», ки шабакаи худро барои интиқол ё қабули иттилооти аз ҷониби Муштарӣ муайяншуда, дар асоси офертаи оммавӣ, ки аз ҷониби Муштарӣ қабул шудааст, пешниҳод менамояд.

1.3. «РАҚАМИ ХИЗМАТРАСОНӢ» – рақами кӯтоҳи 1555, ки барои пешниҳоди КОНТЕНТ-ХИЗМАТРАСОНИҲОӢ ба МУШТАРӢ аз ҷониби Хадамоти Алоқа ҷудо шудааст.

1.4. «ИСТИФОДАБАРАНДА» – Муштарие, ки хизматрасониҳои Контент-провайдерро харидорӣ менамояд ва шартҳои регламенти мазкурро тавассути розигии худ қабул карда, бо пардохти маблағ аз хизматрасониҳои Портал истифода мебарад.

1.5.«КОНТЕНТ-ПРОВАЙДЕР» (Ташкилкунанда) – ҶДММ «Паёми Аср», ки бо Оператор муносибатҳои шартномавӣ дорад.

1.6. «ОБУНА» – пешниҳоди дастрасӣ ба Портал ба Муштарӣ бо пардохти маблағи муқарраршуда дар тӯли давраи муайяни вақт.

1.7. «ПОРТАЛИ ОҲАНГБАЗМ» – ин веб-хизматрасонии интерактивӣ мебошад, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ба Муштариёни Оператор пешниҳод карда мешавад ва дар доираи он Муштариён ба пойгоҳи мусиқӣ барои иҷрои сурудҳо (караоке) бо баҳои зеҳни сунъӣ (AI-scoring), иштирок дар «Гӯшдиҳии пӯшида» ва викторинаи мусиқии «Оҳангро биёб» дастрасӣ пайдо мекунанд.

1.8. «НОТАҲО / ЛАЙКҲО / ХОЛҲОИ AI » – воҳидҳои виртуалӣ барои ҳавасмандкунӣ, ки ба Иштирокчиён барои амалҳои мақсаднок дар Портал ҳисоб карда мешаванд. Инҳо маблағҳои пулӣ нестанд.

1.9. «ИШТИРОКЧӢ» – шахси воқеии қобили амал, ки ба синни 18 (ҳаждаҳ) расидааст ва Муштарии Оператор буда, Обунаро расмӣ кардааст. Иштирок дар «ОҳангБазм» иштирок дар лотерея ё қиморбозӣ ба ҳисоб намеравад.

2. Ташкили Хизматрасонӣ

2.1. Хизматрасонӣ тавассути обуна амалӣ карда мешавад ва барои обуначиён пулакӣ мебошад. Ҳар муштарии Оператор метавонад бо чидани фармони USSD: *1555#, инчунин тавассути тугмаи фаъолсозӣ дар сомонаи ohangbazm.tj ба Иштирокчӣ табдил ёбад.

2.2. Ҷоизаҳо ба тавозуни мобилии ғолиб (ҳафтаина) пардохт карда мешаванд, бо пули нақд (моҳона ва Ҷоизаи асосӣ) ё дар шакли тухфаҳои арзишманд (семоҳа) дода мешаванд.

2.3. Қуръакашии ҷоизаҳо ба Марҳилаҳо тақсим карда шудаанд: Ҳафтаина, Моҳона, Семоҳа ва Асосӣ. Натиҷаҳо дар давоми 5 (панҷ) рӯз пас аз анҷоми ҳар

Марҳила ҷамъбаст карда мешаванд. Супоридан/пардохти Ҷоизаҳо дар давоми 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва дар асоси шартҳои пешбининамудаи қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

3. Иштирокчиёни «ОҳангБазм»

3.1. Ҳар шахси воқеии ба синни 18 расида, ки Муштарии Оператор мебошад, метавонад Иштирокчӣ шавад.

3.2. Оператор ва Ташкилкунанда барои амалҳои шахсони ноболиғ ва ғайриқобили амал, ки ба хизматрасонӣ обуна шудаанд, ҷавобгар нестанд.

3.3. Кормандони Оператор ва Ташкилкунанда, хешовандони онҳо, шахсони наздик ва кормандони ширкатҳои пудратӣ ба иштирок дар қуръакашии ҷоизаҳо роҳ дода намешаванд.

3.4. Дар сурате, ки агар яке аз шахсони дар банди 3.3 зикршуда дар қуръакашии ҷоизаҳо иштирок намояд ва ғолиб ояд, он гоҳ ҷоизаи дахлдор ба ҳеҷ ваҷҳ ба муштарӣ дода намешавад ва ба иштирокчии дигаре, ки ба талабот ҷавобгӯ аст ва ҷойи навбатиро ишғол мекунад, гузаронида мешавад.

3.5. Иштирокчиён ҳуқуқ доранд, ки ба веб-портали «ОҳангБазм» (ohangbazm.tj) дастрасӣ пайдо кунанд ва аз функсионали он бо истифода аз дастгоҳҳои гуногуни истифодабаранда, ки ба шабакаи Интернет пайваст буда ва бо воситаҳои сабти овоз (микрофон) муҷаҳҳазанд, аз ҷумла телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, планшетҳо, компютерҳои шахсӣ ва ноутбукҳо истифода баранд.

3.5.1. Муайянкунандаи ҳатмӣ, асосӣ ва калидии Иштирокчӣ дар Хизматрасонӣ, новобаста аз дастгоҳи истифодашаванда (аз ҷумла дастгоҳҳои статсионарӣ, ки слоти махсуси SIM-корт надоранд), рақами муштарии (SIM-корт)-и Оператори ҶСП «Вавилон-Мобайл» бо мақоми фаъоли обуна мебошад. Ҳангоми дастрасӣ ба Портал аз компютерҳои шахсӣ, ноутбукҳо ё планшетҳо, иҷозатдиҳии (авторизатсияи) Иштирокчӣ ва тасдиқи соҳиби рақам будан тавассути ворид кардани рақами муштарии Оператор ва воридкунии ҳатмии минбаъдаи рамзи тафтишотии якдафъаина (OTP), ки аз ҷониби Ташкилкунанда дар шакли SMS-паёми воридотӣ ба рақами телефони зикршуда ирсол мегардад, амалӣ карда мешавад.

3.6. Ба Иштирокчиён истифодаи зерин манъ аст:

- барномаҳо барои тағйир додани овоз (Voice Changers);
- пахши аудиосабтҳои аслӣ (фонограммаҳои овоздор) ба ҷойи сурудхонии худӣ;
- барномаҳо барои шинохти автоматии мусиқӣ (Shazam ва монанди онҳо) ҳангоми иштирок дар викторина;
- ҳама гуна усулҳои сунъӣ зиёд кардани «Лайкҳо» ва «Нотаҳо»;• ҳама гуна воситаҳои нармафзорӣ, аз ҷумла дар телефони мобилӣ насбшуда, ба ғайр аз воситаҳои нармафзорие, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ таҳия шудаанд;
- воситаҳои нармафзории аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики ӯ таҳияшуда, ки барои иштирок дар «ОҳангБазм» пешбинӣ шудаанд ва бо ҳар роҳ тағйир дода шудаанд, аз ҷумла тавассути дахолат ба рамзи нармафзорӣ;
- ҳама гуна усулҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар «ОҳангБазм».

3.7. Ҳамаи шахсоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд аз хизматрасонӣ истифода баранд ва наметавонанд ба гирифтани ҷоизаҳо даъво кунанд.

3.8. Дар ҳолати ошкор шудани чунин шахсон аз ҷониби Ташкилкунанда дар

ҳар яке аз Марҳилаҳои баргузории «ОҳангБазм», аз ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супоридани ҷоизаҳои Викторина, онҳо ҳуқуқи гирифтани ҷоизаҳои «ОҳангБазм»-ро аз даст медиҳанд. Маблағҳои пулие, ки чунин Муштариён дар робита ба иштирок дар «ОҳангБазм» харҷ кардаанд, баргардонида намешаванд.

4. Тавсифи Портал

4.1. «ОҳангБазм» 3 самти асосиро пешниҳод менамояд:

- Караоке бо баҳогузории AI: Иҷрои сурудҳо дар зери фонограмма бо сатри равон. Зеҳни сунъӣ (Pitch Detection) дурустии сурудхониро аз 1 то 10 нота баҳогузорӣ мекунад.
- Гӯшдиҳии пӯшида: Нашри анонимии сабтҳои сурудхонӣ барои гирифтани баҳо («Лайкҳо») аз дигар истифодабарандагон.
- Викторинаи «Оҳангро биёб»: Гӯш кардани 5-сония пораи суруд ва интихоби ҷавоби дуруст аз 4 варианти пешниҳодшуда.

4.2. «ОҳангБазм» бозии қимор, лотереяи ҳавасмандкунанда ё дигар чорабиние, ки ба хавфи гузаронидани бозиҳо ва шартгузорӣ асос ёфтааст, намебошад ва хусусияти рекламавӣ дорад. Он бо мақсади боло бурдани таваҷҷуҳ ва маъмулгардонии мусиқии тоҷикӣ ва хизматрасониҳои иловагӣ, инчунин, истифодаи хизматрасониҳои иловагии Оператор гузаронида мешавад.

4.3. Бо мақсади ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳи Муштариён ба хизматрасонии расонидашаванда, истифодабарандагони аз ҳама фаъол (Иштирокчиён), ки бештар аз ҳама нота ҷамъ овардаанд (бо тартиби дар қоидаҳои мазкур муайяншуда), ҷоизаҳои дар ин Қоидаҳо зикршударо мегиранд.

4.4. Ҳамаи Муштариёни Оператор оид ба баргузорӣ ва шартҳои «ОҳангБазм» тавассути SMS-огоҳиномаҳо ё дигар каналҳои пешбурди Оператор ва Ташкилкунанда хабардор карда мешаванд.

**5. Тартиби пешниҳод ва маҳдудиятҳо**

5.1. Иштирок тавассути расмисозии обуна сурат мегирад. Пас аз ирсоли дархост, муштарӣ аз рақами кӯтоҳи 1555 SMS-огоҳинома дар бораи бомуваффақият фаъол шудани хизматрасонӣ мегирад.

5.2. Аз тавозуни муштарӣ ҳамарӯза 1,50 сомонӣ (бо назардошти ҳамаи андозҳо) – ҳаққи обунаи базавӣ гирифта мешавад. Фаъолсозии обунаи Ҳафтаина (7 сомонӣ) ва Моҳона (30 сомонӣ) низ имконпазир аст.

5.3. Маҳдудиятҳои асосӣ: Дар доираи ҳаққи обунаи пардохтшудаи базавӣ (1,50 сомонӣ), ба Иштирокчӣ ҳамарӯза чунин имконият дода мешавад:

- 10 амал дар Караоке (сурудхонӣ, ирсол барои баҳогузории AI, гузоштани лайк дар «Гӯшдиҳии пӯшида»);
- 5 кӯшиш дар викторинаи «Оҳангро биёб».

5.4. Бастаи иловагӣ: Ҳангоми ба охир расидани маҳдудиятҳо, Иштирокчӣ метавонад миқдори номаҳдуди бастаҳои иловагиро бо арзиши 2,00 сомонӣ барои ҳар кадом (фармони *1555*5#) харидорӣ намояд. Як бастаи иловагӣ +15 амал дар Караоке ва +10 кӯшиш дар викторинаро дар бар мегирад.

5.5. Низоми ҳисобкунии холҳои виртуалӣ (Нотаҳо, холҳои AI ва Лайкҳо): Ҳисоби дастовардҳои Иштирокчиён аз рӯйи навъи фаъолият, вобаста ба номинатсияи интихобшуда алоҳида пеш бурда мешавад.

- Бонуси истиқбол: 50 нотаи ибтидоӣ ҳангоми бори аввал пайваст шудан ба Хизматрасонӣ як маротиба ба ҳисоби виртуалии Иштирокчӣ ҳисоб карда мешавад.
- Бонуси мувофиқат: +15 нота ҳамарӯза ҳангоми ҳар гирифтани ҳаққи

обунаи базавӣ (1,50 сомонӣ) ба таври автоматӣ ҳисоб карда мешавад.
5.5.1. Дар номинатсияи «Устоди Зарб» (ҳисобкунии «Нотаҳо»):
• Викторинаи «Оҳангро биёб»: +1 нота ба Иштирокчӣ барои ҳар интихоби дуруст ва саривақтии ҷавоб дар реҷаи бозӣ ҳисоб карда мешавад. Барои ҷавоби нодуруст ё ҷавоб пас аз гузаштани вақти муқарраршудаи 5-сониягӣ нотаҳо ҳисоб карда намешаванд.
5.5.2. Дар номинатсияи «Баҳои AI» (ҳисобкунии «холҳои AI»-и вокалӣ):
• Баҳогузории автоматии овози AI: Ҳангоми иҷро ва захира кардани суруд дар қисмати «Караоке», низоми сохтаи зеҳни сунъӣ (алгоритми Pitch Detection) дар реҷаи воқеӣ сабти овозии Иштирокчиро барои мувофиқати дақиқ бо оҳангҳо, нотаҳо ва ритми суруди аслӣ таҳлил мекунад.
• Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил, низом ба таври худкор барои ҳар як суруди иҷрошуда дар доираи аз 1 то 10 нота баҳои техникӣ мегузорад. Ин нотаҳо фавран ба пойгоҳи умумии маълумот ирсол гардида, дар раддабандии сарояндагон ҷамъбаст карда мешаванд.
5.5.3. Дар номинатсияи «Пешсафи таваҷҷуҳ» (ҳисобкунии «Лайкҳо»):
• Овоздиҳии оммавӣ: Пас аз гузаштани премодератсия, сабти овозии Иштирокчӣ дар лентаи анонимии қисмати «Гӯшдиҳии пӯшида» нашр карда мешавад.
• Дигар Иштирокчиёни фаъоли Хизматрасонӣ ҳангоми гӯш кардани лентаи аудиоӣ метавонанд бо зер кардани тугмаи «Лайк» ҳамовозиихудро иброз доранд. Ҳар як зеркунӣ +1 Лайк ба ҳисоби муаллифи сабт илова мекунад.
• Бо мақсади муҳофизат аз лайкҳои қалбакӣ «накрутка», маҳдудияти қатъӣ амал мекунад: як Иштирокчӣ метавонад танҳо 1 Лайк барои як сабти мушаххаси аудиоӣ гузорад (зеркуниҳои такрорӣ аз як рақами телефон ба ҳисоб гирифта намешаванд).
5.5.3.1. Шартҳои фаъол шудани тугмаи «Нашр кардан» ва роҳхат ба озмун

Тугмаи «Нашр кардан» (ирсоли аудиосабт ба лентаи озмунии «Гӯшдиҳии пӯшида» ва баҳисобгирии нотаҳо дар раддабандӣ) дар портал танҳо ва танҳо дар сурати ҳамзамон иҷро гардидани шартҳои зерин фаъол мешавад:

- Хронометражи пурра: суруд аз оғоз то анҷоми фонограмма (на камтар аз 95%-и давомнокии треки аслӣ) сароида шуда бошад. Ҳангоми пеш аз муҳлат қатъ кардан, бастани варақа (вкладка) ё боздоштани сабт, тугмаи «Нашр кардан» баста шуда, сессия анҷомнаёфта дониста мешавад.
- Ҳадди тахассусии AI: низоми Pitch Detection барои иҷрои суруд на камтар аз 4(чор) нота гузошта бошад. Сабтҳо бо баҳои аз 1 то 3 нота аз тахассус нагузашта ҳисоб мешаванд, тугмаи ирсол ба озмун ғайрифаъол мемонад ва нотаҳо ба ҷадвали озмунӣ ворид карда намешаванд.
- Нотакрории сурудҳо (1 суруд — 1 маротиба дар 1 моҳ): Иштирокчӣ ҳуқуқ дорад як суруди мушаххасро ба ҳисоби озмунӣ танҳо 1 (як) маротиба дар тӯли 1 моҳи тақвимӣ нашр намояд. Ирсоли такрории суруди қаблан нашршуда ба ҳисоби озмунӣ то охири моҳ баста мешавад. Дар баробари ин, сароидани ин суруд дар реҷаи тамрин (машқ) дар доираи лимитҳои пардохтшудаи шабонарӯзӣ ё бастаҳои иловагӣ бе маҳдудият дастрас мебошад.

5.5.3.2. Лимити шабонарӯзӣ барои нашри трекҳои озмунӣ:

Бо мақсади пешгирӣ аз фиребгарӣ ва афзоиши сунъии нишондодҳо (накрутка) ва таъмини шароити

баробари рақобат барои ҳамаи иштирокчиён, лимити техникӣ муқаррар карда мешавад: дар як шабонарӯзи тақвимӣ (давраи аз соати 00:00:00 то 23:59:59) на бештар аз 5 (панҷ) нашри озмунӣ иҷозат дода мешавад. Фаъолсозии Бастаҳои иловагӣ (банди 5.4) имкон медиҳад, ки сурудхонӣ барои тамрин (машқ) ва иштирок дар викторина идома дода шавад, аммо лимити муқарраршудаи шабонарӯзиро барои нашри трекҳои озмунӣ зиёд намекунад.

5.6. Мақоми «Боздошт»: Дар ҳолати нокифоя будани маблағ дар тавозуни шахсӣ барои тамдиди обуна, дастрасӣ ба функсионали Портал (сурудхонӣ, бозиҳо, лайкҳо, гӯш кардан) қатъ карда мешавад. Холҳо, нотаҳо ва ҷойи ҷамъшуда дар рейтинг барои Иштирокчӣ муҳлати дақиқ 30 рӯзи тақвимӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ҳангоми пайдо шудани маблағ дар тавозуни шахсии чунин Муштарӣ ба андозаи барои пардохти обуна зарурӣ, ба муштарӣ дастрасӣ ба портали «ОҳангБазм» дода шуда, иштироки ӯ ба таври автоматӣ барқарор мегардад. Агар пас аз гузаштани 30 рӯз тарификатсия бомуваффақият анҷом наёбад, профили Иштирокчӣ ва ҳамаи дастовардҳо пурра бекор карда мешаванд.

5.7. Бо иштирокчӣ шудан дар «ОҳангБазм», Иштирокчиён розигии пурраи худро барои гирифтани паёмакҳои марбут ба хизматрасонӣ тӯли муҳлати амали обуна ба хизматрасонӣ медиҳанд.

5.8. Ҳаққи обуна ба хизматрасонӣ то лаҳзаи бекор кардани обуна аз ҷониби муштарӣ ё ҳангоми қатъ гардидани хизматрасонӣ ситонида мешавад.

5.9. Барои Ғолиб шудан дар «ОҳангБазм» ва даъво кардан ба гирифтани Ҷоизаҳо, Иштирокчиён бояд ҳамарӯза ба портали Викторина – ohangbazm.tj ворид шаванд, ба тарзи караоке суруд хонанд, сурудҳоро сабт кунанд, лайк гузоранд ва оҳангҳоро муайян кунанд. Натиҷаҳои «ОҳангБазм»-и ҳар рӯзи Марҳила то анҷоми рӯзи тақвимии дахлдор (соати 23:59:59 бо вақти маҳаллӣ) қабул карда мешаванд.

5.10. Дар давраи амали Обунаи фаъол ба Хизматрасонии «ОҳангБазм» ба Иштирокчиён аз рақами кӯтоҳи хизматии 1555 (инчунин, аз рақамҳои технологии ассотсиатсияшудаи биллинги Оператор) паёмакҳои иттилоотии воридотӣ ирсол мегарданд. Ин паёмакҳо чунин маълумотро дар бар мегиранд: тасдиқи бомуваффақият фаъол шудани Обуна, пайванди инфиродӣ барои иҷозатдиҳии автоматӣ дар веб-портали ohangbazm.tj, маълумот дар бораи ҳисоб шудани холҳои ибтидоӣ, инчунин, огоҳиномаҳои ҳамарӯза/ҳафтаина/моҳона оид ба ситонидани бомуваффақияти ҳаққи обуна ва ёдраскуниҳои ҳафтаина оид ба мақоми хизматрасонӣ бо зикри роҳҳои ғайрифаъолсозии он. Ирсоли паёмакҳои иттилоотӣ-технологии зикршуда қисми ҷудонашавандаи Хизматрасонӣ мебошад ва Муштарӣ розигии пурра ва бечунучарои худро барои гирифтани онҳо тӯли тамоми давраи дар Хизматрасонӣ қарор доштан иброз медорад.

5.11. Агар Иштирокчӣ хоҳиши идома додани иштирок дар Викторинаро надошта бошад, ба ӯ кифоя аст, ки аз обуна даст кашад. Барои ин ирсоли дархости USSD зарур аст: *1555*00#.

6. Тарофабандӣ Ба Муштарӣ интихоби формати мувофиқ пардохт пешниҳод карда мешавад (бо назардошти ҳамаи андозҳо):

- Ҳаққи обунаи ҳамарӯза – 1,50 сомонӣ/рӯз
- Ҳаққи обунаи ҳафтаина – 7 сомонӣ/7 рӯз
- Ҳаққи обунаи моҳона – 30 сомонӣ/30 рӯз

6.1. Арзиши Бастаи иловагӣ: 2,00 сомонӣ. Харидорӣ кардан ба миқдори номаҳдуд имконпазир аст.

6.2. Дархостҳои USSD ва паёмакҳо ба/аз рақами 1555 бо нархи 0 сомонӣ

мебошанд.
6.3. Трафики интернет дар сомонаи ohangbazm.tj ҳангоми истифодаи Хизматрасонӣ мувофиқи нақшаи тарифии иштирокчӣ тарификатсия карда мешавад ё аз захираҳои пардохтшуда харҷ мегардад.
7. Забонҳои портал
7.1. Портал бо забонҳои тоҷикӣ (забони асосӣ) ва русӣ пешниҳод карда мешавад.
7.2. Иваз кардани забон дар «Утоқи шахсӣ» дар сомонаи ohangbazm.tj дастрас аст.
8. Фармонҳои Хизматрасонӣ (1555)
• *1555# – Фаъолсозии обуна ва ворид шудан ба портал.
• *1555*00# – Ғайрифаъолсозӣ (хомӯш кардан)-и обуна. Диққат: ҳангоми хомӯш кардан ҳамаи нотаҳои ҷамъшуда ва ҷой дар рейтинг фавран бекор карда мешаванд.
• *1555*4# – Дархости рӯйхати ТОП-иштирокчиён.
• *1555*5# – Харидории Бастаи иловагӣ (2,00 сомонӣ).
• *1555*6# – Тафтиши тавозуни холҳои ҷамъшуда (Нотаҳо).
9. Ҷоизаҳои Портал ва Номинатсияҳо
9.1. Иштирокчиёни Хизматрасонӣ дар тӯли тамоми давраи обуна барои амалҳои мақсаднок дар Портал нотаҳои виртуалӣ ҷамъ мекунанд: барои тарификатсияи бомуваффақияти ҳамарӯзаи обуна, барои ҷавобҳои дуруст ва тез дар викторинаи «Оҳангро биёб», барои иҷро ва захира кардани сурудҳо дар қисмати «Караоке», барои ирсоли сабтҳо ба озмун, барои гирифтан ва гузоштани баҳоҳо («Лайкҳо») дар қисмати «Гӯшдиҳии пӯшида», инчунин, барои фаъол кардани Бастаҳои иловагии лимитҳо. Аз рӯйи натиҷаҳои ҳар як давраи ҳисобӣ (Ҳафта, Моҳ, Семоҳа, Сол) Иштирокчиёне, ки миқдори бештари нотаҳоро дар категорияҳои дахлдор ҷамъ овардаанд, Ғолиб эълон карда мешаванд.
9.1.1. Рейтинги Иштирокчиён дар асоси тафовут дар се номинатсияи мустақил, инчунин, аз рӯйи ҳисоби Умумӣ (ҷамъбастӣ) ташаккул меёбад:
• Дар номинатсияи «Устоди Зарб» – танҳо «Нотаҳо»-е, ки дар викторина, барои бонуси истиқбол ва барои тамдиди обуна ҷамъ оварда шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд.• Дар номинатсияи «Баҳои AI» – танҳо «холҳои AI», ки аз ҷониби низоми Pitch Detection барои сифати иҷрои караоке гузошта шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд.
• Дар номинатсияи «Пешсафи таваҷҷуҳ» – танҳо «Лайкҳо»-и беназир, ки аз дигар истифодабарандагон дар қисмати «Гӯшдиҳии пӯшида» гирифта шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд.
• Рейтинги умумии Иштирокчӣ аз маҷмуи воҳидҳои виртуалии ҷамъовардаи ӯ («Нотаҳо», «холҳои AI» ва «Лайкҳо») барои тамоми давраи ҳисобӣ таркиб меёбад.
9.1.2. Пас аз анҷоми ҳар ҳафтаи тақвимӣ (якшанбе, соати 23:59:59) Рейтинги ҳафтаинаи Иштирокчиён алоҳида аз рӯйи ҳар яке аз се номинатсия ташаккул меёбад. Иштирокчиёне, ки дар номинатсияҳои худ сафи аввалро ишғол мекунанд, Ғолиби Ҳафта эълон шуда, дар тавозуни мобилии худ ҷоиза мегиранд.
• Қоидаи маҳдудият: Агар Иштирокчӣ Ғолиби Ҳафта дар номинатсияи мушаххас эълон шавад, ӯ дар давоми 4 (чор) ҳафтаи тақвимии оянда аз рақобат барои ҷоизаи ҳафтаина дар ҳамин номинатсия хориҷ карда мешавад. Дар ин ҳолат, ӯ ҳуқуқи рақобат барои ҷоизаҳои моҳона, семоҳа

ва асосиро нигоҳ медорад.
9.1.3. Пас аз анҷоми ҳар як моҳи тақвимӣ, маълумоти рейтингҳои ҳамарӯза ҷамъбаст шуда, Рейтинги ниҳоии моҳона ташаккул меёбад. Иштирокчиёне, ки дар давоми моҳ дар номинатсияҳои худ холҳои бештар ҷамъ овардаанд, Ғолибони Моҳ эълон шуда, ҷоизаҳои пулиро бо пули нақд мегиранд.
• Қоидаи маҳдудият: Агар Иштирокчӣ Ғолиби Моҳ дар номинатсияи мушаххас эълон шавад, ӯ наметавонад дар давоми 3 (се) моҳи тақвимии оянда такроран Ғолиби Моҳ дар ҳамин номинатсия эълон гардад.
9.1.4. Пас аз анҷоми ҳар семоҳаи тақвимӣ, маълумот барои се моҳ ҷамъбаст карда мешавад, то Рейтинги ниҳоии семоҳа ташаккул ёбад. Иштирокчиёне, ки дар номинатсияҳои худ ҷойҳои аввалро ишғол мекунанд, Ғолибони Семоҳа эълон шуда, бо гаҷетҳои арзишманд мукофотонида мешаванд.
• Қоидаи маҳдудият: Иштирокчие, ки ҷоизаи Семоҳаро дар яке аз номинатсияҳо бурд кардааст, ҳуқуқи гирифтани ҷоизаи шабеҳи Семоҳаро дар номинатсияи ҷорӣ дар тӯли семоҳаи тақвимии оянда аз даст медиҳад.
9.1.5. Пас аз анҷоми соли тақвимӣ (31 декабр, соати 23:59:59) низом ҳисоби ниҳоиро тавассути ҷамъ кардани комилан ҳамаи холҳои ҷамъшуда («Нотаҳо», «Холҳои AI» ва «Лайкҳо») барои тамоми давраи баргузории фаъолият анҷом медиҳад. Иштирокчие, ки дар Рейтинги умумии сол ҷойи аввалро ишғол мекунад, Чемпиони мутлақи сол эълон шуда, Гранд-ҷоизаро мегирад.
9.2. Андоза ва намуди ҷоизаҳои тақсимшаванда аз рӯйи номинатсияҳо Ғолибон алоҳида аз рӯйи 3 (се) номинатсияи асосӣ муайян карда мешаванд:
• «Устоди Зарб»: Ғолиб аз рӯи маҷмӯи холҳо (Нотаҳо) дар викторинаи «Угадай мелодию». Дар ҳолати баробар будани холҳо, касе ғолиб меояд, ки барои ҷавобҳо вақти камтар сарф кардааст.• «Баҳои AI»: Ғолиб бо баландтарин хол аз низоми зеҳни сунъӣ барои
дақиқии овоз дар Караоке.
• «Пешсафи таваҷҷуҳ»: Ғолиб аз рӯйи миқдори лайкҳои беҳамто дар «Гӯшдиҳии пӯшида».
9.3. ҶОИЗАҲОИ ҲАФТАИНА (Ҳисобкунӣ дар тавозуни мобилии ғолибон):
• Ҷойи 1 (Устоди Зарб) - 150 сомонӣ.
• Ҷойи 1 (Баҳои AI) - 100 сомонӣ.
• Ҷойи 1 (Пешсафи таваҷҷуҳ) - 50 сомонӣ.
9.4. ҶОИЗАҲОИ МОҲОНА (Бо пули нақд шахсан ба ғолибон супорида мешаванд):
• Чемпиони моҳ (Устоди Зарб) — 1 500 сомонӣ.
• Чемпиони моҳ (Баҳои AI) — 1 000 сомонӣ.
• Чемпиони моҳ (Пешсафи таваҷҷуҳ) — 500 сомонӣ.
9.5. ҶОИЗАҲОИ СЕМОҲА (Туҳфаҳои арзишманд шахсан ба ғолибон супорида мешаванд):
• Смартфонҳо (iPhone 17pro / Samsung S26 Ultra) — барои иштирокчӣ бо миқдори бештари нотаҳои ҷамъшуда дар викторина.
• Планшетҳо (iPad Air 11 / Tab S11) — барои овозхон бо миқдори бештари Холҳои AI мувофиқи баҳогузории AI.
• Смарт-соатҳо (Apple Watch 11 / Galaxy Watch Ultra) — барои пешво аз рӯи лайкҳо.
9.6. ГРАНД-ҶОИЗА (Ниҳоӣ): Ба як пешсафи мутлақ аз рӯи маҷмӯи дастовардҳо супорида мешавад. Сабти касбӣ дар студия + маҳоратсанҷӣ (мастер-класс) аз ҷониби ситораи эстрада.

9.7. Супоридан/пардохти Ҷоизаҳо пас аз анҷоми ҳар давраи ҳисобии (Ҳафта, Моҳ, Семоҳа, Сол) Хизматрасонии «ОҳангБазм» дар давоми 15 (понздаҳ) рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва дар асоси шартҳои пешбининамудаи Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

10. Рейтинги Иштирокчиён ва қоидаҳои муайян кардани Ғолибон

10.1. Ҳисобкунии ҳамаи намудҳои рейтинг (Ҳафтаина, Моҳона, Семоҳа, Солона) автоматӣ буда, дар тарафи маҷмуи нармафзории Ташкилкунанда сурат мегирад. Навсозии ҷадвали пешсафон (Лидербордҳо) дар интерфейси Портал дар реҷаи воқеӣ ба амал меояд. Боргирии ниҳоии маълумот барои муайян кардани ғолибон дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз анҷоми расмии давраи дахлдори ҳисобӣ сурат мегирад.

10.2. Дар ҳолати баробар шудани холҳо (мусовӣ) байни ду ва ё зиёда Иштирокчиён дар ҷойи ҷоизавӣ аз рӯйи натиҷаҳои давраи ҳисобӣ, Ғолиб вобаста ба номинатсия бо алгоритмҳои зерин муайян карда мешавад:

• Дар номинатсияи «Устоди Зарб» (Викторина): Ғолиб Иштирокчие эълон мешавад, ки барои пешниҳоди ҷавобҳои дуруст дар викторина барои давраи ҷории ҳисобӣ дар маҷмуъ вақти камтар сарф кардааст (низом суръати ҷамъбастии ҷавобҳоро бо сониясанҷи дарунсохт ба инобат мегирад). Агар ин нишондиҳандаҳо низ баробар бошанд, касеғолиб дониста мешавад, ки ҷавоби дурустро дар ин давра аз ҳама аввал ироа кардааст.

• Дар номинатсияи «Баҳои AI» (Овоз): Ғолиб Иштирокчие эълон мешавад, ки сабти овозиаш дар давраи ҳисобӣ аз ҷониби низоми Pitch Detection баҳои баландтарин ва максималиро гирифтааст. Агар баҳоҳои максималӣ якхела бошанд, ғалаба ба Иштирокчие дода мешавад, ки аввалин сабти овозии озмунии худро дар ин давра ба Портал боргузорӣ ва захира кардааст.

• Дар номинатсияи «Пешсафи таваҷҷуҳ» (Лайкҳо): Ғолиб Иштирокчие эълон мешавад, ки сабти овозии озмуниаш аз рӯйи хронология пештар аз ҳама миқдори ниҳоии ҷоизавии «Лайкҳо»-ро ҷамъ овардааст. Вақти сабти ҳар як овоз («Лайк») дар логҳои низомии пойгоҳи маълумоти Портал бо дақиқии то ба миллисония ба қайд гирифта мешавад.

Дар Рейтинги умумӣ (Ҷамъбасти соли 2026): Чемпиони мутлақи сол Иштирокчие эълон мешавад, ки маҷмуи холҳоро аз рӯйи се номинатсия дар якҷоягӣ (маҷмуи «Нотаҳо» барои викторина ва обуна + «Холҳои AI» барои овоз + «Лайкҳо» барои Гӯшдиҳии пӯшида) барои тамоми давраи фаъолият дар соли 2026 ҷамъ овардааст. Дар ҳолати баробар шудани маҷмуи холҳо дар ду ва ё зиёда Иштирокчӣ, Ғолиб бо меъёрҳои пайдарпайи зерин муайян карда мешавад:

• Касе ғолиб меояд, ки ҳиссаи нотаҳои барои маҳорати техникии овоз (номинатсияи «Баҳои AI») бадастовардааш баландтар аст;

• Дар ҳолати баробар будани холҳои овозӣ, касе ғолиб меояд, ки нишондиҳандаи «Нотаҳо»-яш дар викторина (номинатсияи «Устоди Зарб») баландтар аст;

• Агар ин нишондиҳандаҳо низ комилан якхела бошанд, Ғолиб Иштирокчие эълон мешавад, ки дар давоми соли 2026 давомнокии обунаи пулакии бетанаффус ба Хизматрасониро дорад.

11. Пешгирии қалобӣ ва назорати пеш аз нашр

11.1. Ҳамаи сабтҳои овозии Иштирокчиён аз модератсияи автоматӣ ва дастӣ мегузаранд.

11.2. Сабт ба таври автоматӣ бекор карда мешавад ва профил метавонад дар ҳолатҳои зерин баста шавад:
• Мувофиқати овоз/трек бо фонограммаи аслии иҷрокунанда беш аз 95%
(истифодаи фонограммаҳои овоздор).
• Мавҷудияти лексикаи ғайриахлоқӣ, садоҳои бегона ё хомӯшии мутлақ.
• Дар викторина вақт барои интихоби ҷавоб барои пешгирӣ аз истифодаи барномаҳои шинохти мусиқӣ (Shazam) ба таври қатъӣ бо 5 (панҷ) сония маҳдуд карда шудааст.

Кӯшишҳои нашр (бо баста шудани тугмаи «Нашр кардан») дар ҳолатҳои зерин ба таври худкор рад карда мешаванд, агар:

- хронометражи овоз аз давомнокии пурраи трек камтар бошад ва ё қисмҳои хомӯшии зиёда аз 15 сонияро дар бар гирад;
- лимити шабонарӯзии иборат аз 5 сабти озмунӣ барои шабонарӯзи ҷорӣ пурра истифода шуда бошад;
- баҳои дақиқии овоз камтар аз 4 нотаро ташкил диҳад;
- барои нашри такрории суруде, ки қаблан дар тӯли моҳ аз ҷониби ҳамин Иштирокчӣ ба озмун нашр шудааст, кӯшиш карда шавад.

12. Ҷамъбасти натиҷаҳо, муайян кардан ва хабардор кардани ғолибон
12.1. Супоридани Ҷоизаҳои Ҳафтаина, Моҳона, Семоҳа ва Асосӣ танҳо бо шарти обунаи фаъоли бетанаффуси Иштирокчӣ дар тӯли тамоми давраи ҳисобии баргузории ин Марҳилаи қуръакашӣ амалӣ карда мешавад.
12.2. Пас аз ҷамъбасти натиҷаҳои ҳар давраи «ОҳангБазм», ба Ғолиб паёмак огоҳӣ оид ба мукофотонидан бо ҷоиза ирсол карда мешавад, ё аз ҷониби Ташкилкунанда занг зада мешавад.
12.3. Барои гирифтани ҷоиза, Ғолиб вазифадор аст, ки дар давоми 5 (панҷ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбасти натиҷаҳои давраи «ОҳангБазм» ба Ташкилкунанда маълумоти шиносномавии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, маълумот дар бораи ҷойи истиқоматро пешниҳод намояд.
Маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршуда аз ҷониби Ғолиб ба Ташкилкунанда ба суроғаи почтаи электронии info@ohangbazm.tj
ирсол карда мешаванд. Агар Ғолиб дар муҳлати муқарраршуда маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршударо ба Ташкилкунанда пешниҳод накунад, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад дар бораи насупоридани Ҷоизаи Викторина, ки ба чунин Ғолиб тааллуқ дошт, қарор қабул намояд.
12.4. Ҳуқуқи гирифтани ҷоиза ба ҷойи Ғолиб дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қонун дар асоси ваколатнома иҷозат дода мешавад.
12.5. Ташкилкунанда мустақилона андози даромади шахсони воқеиро, ки ба Иштирокчиён дар робита ба гирифтани ҷоизаҳо дар доираи Хизматрасонии «ОҳангБазм» ба миён меояд, ҳисоб карда, ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол медиҳад. Ташкилкунанда мутобиқи қонунгузории андози ҶТ ҳамчун агенти андоз эътироф карда мешавад, дар ин ҳолат иҷрои ҳамаи уҳдадориҳои андозӣ, ки бо фонди ҷоизаҳо алоқаманд аст, пурра ба зиммаи Ташкилкунанда гузошта мешавад.
12.6. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад, ки ба Иштирокчӣ дар супоридани ҷоиза дар ҳолатҳои зерин рад кунад:

- вайрон кардани қоидаҳои мазкур аз ҷониби Иштирокчиён;
- гирифтани раддияи Иштирокчӣ аз гирифтани ҷоиза, ки дар шакли хаттӣ дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи анҷомёбӣ ирсол шудааст.

12.7. Ҷоизаҳо наметавонанд бо ягон подоши дигар иваз карда шаванд.

13. Шартҳои дигар

13.1. Ташкилкунанда ҳуқуқи тағйир додани Қоидаҳои мазкурро дорад.

13.2. Муштариён дар бораи тағйирот тавассути нашр дар сомонаҳои www.babilon-m.com ва ohangbazm.tj на камтар аз 10 рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо кардани тағйирот огоҳ карда мешаванд.

13.3. Муштариёне, ки аввалин дархости USSD-ро ба рақами хизматии 1555 ирсол мекунанд, розигии пурра ва бечунучарои худро ба Қоидаҳои Викторина тасдиқ менамоянд, кафолат медиҳанд, ки онҳо ба синни 18 расидаанд, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва Муштарӣ мутобиқи Шартномаи бо Ташкилкунанда басташуда мебошанд, инчунин, тасдиқ мекунанд, ки онҳо ба дигар меъёрҳои Иштирокчӣ, ки дар боби 2-и Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, ҷавобгӯ ҳастанд. Ирсоли аввалин дархости USSD аз ҷониби Муштарӣ ба рақами хизматии 1555 боиси тағйир ва/ё илова гардидани Шартномаи байни Оператор ва Муштарӣ басташуда мегардад.

13.4. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи оғози «ОҳангБазм» эътибор пайдо мекунанд ва то лаҳзаи тағйир ёфтан ё қатъ гардидани амали онҳо аз ҷониби Ташкилкунанда/Оператор амал мекунанд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор зикршуда тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.

13.5. Агар Иштирокчӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи тағйир ёфтан ва/ё қатъ шудани шартҳои мазкур ба суроғаи Ташкилкунанда раддияи худро аз қабули тағйирот ва/ё қатъи шартҳо ирсол накунад, инчунин, агар амалҳоро барои идомаи иштирок дар «ОҳангБазм» анҷом диҳад, ки аз ҷониби Ташкилкунанда бо шартҳои нав пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъи шартҳо гузаронида мешавад, он гоҳ тағйирот ва/ё қатъи шартҳо аз ҷониби Иштирокчӣ қабулшуда ҳисобида мешавад.

13.6. Ташкилкунанда/Оператор барои халалдоршавӣ дар кори таҷҳизот ва/ё нармафзоре, ки дар доираи масъулияти Ташкилкунанда нестанд, ва/ё қатъи пеш аз муҳлати «ОҳангБазм», ки бо сабаби ҳолатҳои аз Ташкилкунанда/Оператор вобаста набуда (ҳолатҳои рафънопазир – форс-мажор) ба вуҷуд омадаанд, ҷавобгар нест.

13.7. Ташкилкунанда/Оператор барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ вобаста ба гузаронидани «ОҳангБазм» ҷавобгар нест, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи нобуд шудани маълумоти шахсии Иштирокчиён дар натиҷаи бозхонди онҳо аз ҷониби Иштирокчиён ба вуҷуд омада бошад.

13.8. Иштирокчиён мустақилона ҳамаи хавфҳои марбут ба риоя накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро ба зимма доранд. Хароҷоте, ки Иштирокчиён дар робита ба иштирок дар «ОҳангБазм» кардаанд, ба Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, баргардонида намешавад.

13.9. Ташкилкунандагон ҳуқуқи рад кардани супоридани ҷоизаҳоро барои худ нигоҳ медоранд, агар Иштирокчиёни «ОҳангБазм» Қоидаҳои «ОҳангБазм»-ро вайрон карда бошанд, ё амалҳои фиребгаронаро анҷом дода бошанд, то ба рӯйхати даъвогарон барои унвони Ғолиби «ОҳангБазм» ворид шаванд.

13.10. Дастрасӣ ба Портал ва иштирок дар Хизматрасонӣ аз ҳама гуна дастгоҳҳои истифодабаранда (компютерҳои шахсӣ, ноутбукҳо, планшетҳо, смартфонҳо), ки дастрасӣ ба Интернет доранд ва бо микрофон муҷаҳҳазанд, иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат, муайянкунандаи ягонаи Иштирокчӣ

рақами муштарии (SIM-корт)-и Оператор бо мақоми фаъоли Обуна мебошад. Иҷозатдиҳӣ (авторизатсия) дар дастгоҳҳое, ки слоти SIM-корт надоранд, тавассути ворид кардани рақами муштарӣ ва тасдиқи ҳатмии соҳиби он будан бо роҳи ворид кардани рамзи тафтишотии якдафъаина, ки аз ҷониби Ташкилкунанда дар паёмак ба ин рақам ирсол мешавад, амалӣ карда мешавад.
13.11. Иштирокчиёни «ОҳангБазм», ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар «ОҳангБазм» иштирок намоянд ва наметавонанд ба гирифтани ҷоизаҳои «ОҳангБазм» даъво кунанд. Дар ҳолати ошкор шудани чунин шахсон аз ҷониби Ташкилкунанда дар ҳар марҳилаи баргузории «ОҳангБазм», аз ҷумла, ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супоридани ҷоизаи «ОҳангБазм», онҳо ҳуқуқи гирифтани ҷоизаҳои «ОҳангБазм»-ро аз даст медиҳанд.14. Қабули шартҳо
14.1. Бо ирсоли SMS ба рақами 1555, чидани USSD-фармони *1555# ё пахш кардани тугма дар Портал, Иштирокчиён ба коркарди маълумоти шахсӣ (рақами телефон, маълумоти биометрии овозӣ дар сабтҳои караоке) ва гирифтани огоҳиномаҳои рекламавӣ-иттилоотӣ розӣ мешаванд.
14.2. Розигӣ дар тӯли тамоми давраи обуна ва 30 рӯзи тақвимӣ пас аз анҷоми он эътибор дорад.
14.3. Ҳамаи иштирокчиён кафолат медиҳанд, ки онҳо Шартҳои мазкурро бодиққат хондаанд ва пурра дарк мекунанд, ки онҳо дар дастрасии озод дар сомонаи ohangbazm.tj қарор доранд.
14.4. Бо иштирок дар «ОҳангБазм», Муштарӣ розигии ихтиёрии худро барои анҷом додани амалҳо оид ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ба шахсони сеюм, коркард ва истифодаи маълумоти шахсии чунин Иштирокчӣ аз ҷониби Ташкилкунанда ва инчунин шахсони сеюми аз ҷониби Ташкилкунанда барои гузаронидани Викторина ҷалбшуда, бо мақсади барқарор кардани тамос бо Иштирокчӣ дар доираи «ОҳангБазм», аз ҷумла, тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, канали мубодилаи SMS-паёмакҳо ва почтаи электронӣ, иброз медорад.
14.5. Иҷрои чунин амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда ва шахсони ҷалбкардаи онҳо аз онҳо гирифтани ягон иҷозати иловагӣ аз Иштирокчӣ ва огоҳиномаҳои махсусро ба Иштирокчӣ оид ба анҷом додани амалҳои номбаршуда талаб намекунад. Чунин розигии Иштирокчӣ дар тӯли давраи баргузории «ОҳангБазм» ва 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз анҷоми он бо қарори Ташкилкунанда, ё пас аз бекор кардани обунаи Иштирокчӣ аз «ОҳангБазм» эътибор дорад. Иштирокчии «ОҳангБазм» ҳуқуқ дорад розигии худро бо роҳи бекор кардани иштирок дар «ОҳангБазм» бо тартиби муқарраршуда ё зикр намудани он дар огоҳиномае, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ шудааст, бозхонд намояд.
14.6. Дар ҳолати ба миён омадани баҳс оид ба шартҳо, гузаронидан, натиҷаҳо ва ҳамаи масъалаҳои дигари марбут ба хизматрасонӣ, қарори Ташкилкунанда ниҳоӣ ҳисобида мешавад ва ҳеҷ гуна талабот ё муҳокима эътибор пайдо намекунад, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.
14.7. Офертаи мазкур дар ҳаҷми пурра эътибор дорад, то даме ки Ташкилкунанда хизматрасониро пешниҳод мекунад, новобаста аз боздоштҳои муваққатии викторина бо сабабҳои техникӣ, масалан, барои таъмир, хизматрасонии техникии нақшавӣ ё модернизатсия.
14.8. Ташкилкунанда барои халалдоршавӣ дар кори таҷҳизот, инчунин барои таъхир дар интиқоли файлҳои аудиоӣ, ки бо суръати пасти интернети мобилии Муштарӣ алоқаманд аст, ҷавобгар нест.

14.9. Хароҷоте, ки Иштирокчиёни қоидавайронкунанда (фиребгарӣ – фрод)
кашидаанд, баргардонида намешавад.

14.10. Дар сурати ба даст овардани ҷоиза, Ғолибон розигии бечунучарои худро ба он медиҳанд, ки ному насаб, симо ва тасвири онҳо (аз ҷумла аксҳо ва сабтҳои видеоӣ аз маросими супоридани ҷоиза), мусоҳиба, инчунин дигар маълумоти ба Ташкилкунанда пешниҳоднамудаашон, метавонанд аз ҷониби Оператор ва Ташкилкунанда бо мақсадҳои таблиғотӣ, тиҷоратӣ ва огоҳсозии омма оид ба «ОҳангБазм» истифода бурда шаванд. Истифодаи маводҳои мазкур бе гирифтани розигии иловагӣ аз ҷониби Иштирокчиён ва бе пардохти ягон намуди подоши моддӣ ё ҳаққи қалам амалӣ карда мешавад.

15.Маҳдудияти масъулияти Оператори алоқаи мобилӣ

15.1. Оператори алоқаи мобилӣ Ташкилкунандаи «ОҳангБазм» намебошад ва барои амалҳои Ташкилкунанда оид ба ташкили Фонди ҷоизавии «ОҳангБазм» ва ҳисобкунӣ/супоридани Ҷоизаҳои «ОҳангБазм» ба Ғолибон, инчунин барои ҳама гуна оқибатҳои ин амалҳо, ки мустақим ё ғайримустақим ба шахсони сеюм дахл доранд, ҷавобгар нест.
15.2. Бо ирсоли SMS-паёмҳо дар доираи «ОҳангБазм», Иштирокчӣ (Муштарӣ) ба Оператор ваколат медиҳад ва розигии худро барои ба Ташкилкунанда пешниҳод намудани маълумоти шахсии Иштирокчӣ (Муштарӣ), аз ҷумла: рақами телефоне, ки аз он SMS-паём ирсол шудааст, насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни SMS-паём, инчунин, сана ва вақти ирсоли он тасдиқ мекунад.
15.3. Оператор барои даъвоҳое, ки аз ҷониби иштирокчиёни «ОҳангБазм» пешниҳод мешаванд, ҷавобгар нест. Ҳамаи саволҳо ва даъвоҳо вобаста ба гузаронидани «ОҳангБазм» ба Ташкилкунанда тибқи маълумоти тамос, ки дар боби 15-и Қоидаҳои мазкур зикр шудааст, ирсол карда мешаванд.
15.4. Оператор имконияти ирсоли SMS-паёмҳоро истисноан дар доираи минтақаи фарогирии шабакаи Оператор пешниҳод менамояд.
15.5. Бо иштирок дар «ОҳангБазм», Иштирокчӣ (Муштарӣ) қабул кардани шартҳои маҳдудияти масъулияти Операторро тасдиқ менамояд.
15.6. Оператор хизматрасониҳои алоқаро пешниҳод менамояд ва барои сифати контенти истифодабаранда ва алгоритмҳои баҳогузории AI-scoring, ки дар тарафи Ташкилкунанда ҷойгиранд, ҷавобгар нест.16. Даъвоҳо ва муҳлати баррасии онҳо
16.1. Бо мақсади роҳ надодан ба поймолшавии ҳуқуқи истеъмолкунандагон, гузаронидани «ОҳангБазм» бо риояи қатъии ҳамаи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба реклама ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон амалӣ карда мешавад.
16.2. Ҳама гуна даъвоҳо оид ба гузаронидани «ОҳангБазм» ба почтаи электронии: info@ohangbazm.tj ирсол карда мешаванд. Санаи гирифтани даъво ҳамчун санаи бақайдгирии он эътироф карда мешавад. Иштирокчӣ бояд моҳияти даъворо муфассал ва равшан баён намояд. Даъво бояд дорои маълумоти зерин бошад: насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефони тамос ва рақами телефоне, ки аз он дар «ОҳангБазм» иштирок шудааст, мазмуни шикоят, сана ва вақти ба миён омадани ҳолати баҳснок, суроғаи электронии Иштирокчӣ барои ирсоли ҷавоб ба даъво.
16.3. Дар сурати розӣ набудани иштирокчӣ бо дурустии ҷавобҳо ба супоришҳои «ОҳангБазм», иштирокчӣ бояд даъворо дар шакли хаттӣ бо зикри савол, ҷавоби низом, ҷавоби ба ақидаи ӯ дуруст ва истинод ба сарчашмаҳои расмӣ, ки дар онҳо ин ҷавоб ба саволи додашуда зикр шудааст, баён намояд.
16.4. Дар сурати исбот шудани дурустии ҷавоби иштирокчӣ аз ҷониби ӯ, ба

иштирокчӣ иловатан 10 нота ба ҳисоби умумӣ илова карда мешавад.
16.5. Ҳамаи даъвоҳо дар давоми 10 рӯз аз рӯзи гирифтани онҳо баррасӣ карда мешаванд.
16.6. Ташкилкунанда даъвоҳоро дар асоси Қоидаҳои мазкур баррасӣ мекунад.
16.7. Ташкилкунанда барои набудани имконияти гирифтани ҷоиза бо гуноҳи Иштирокчии ғолиби «ОҳангБазм» ҷавобгар нест.
16.8. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи интишори онҳо дар сомонаи интернетии Оператор: www.babilon-m.com ва ohangbazm.tj эътибор пайдо мекунанд. Муштариён дар бораи тағйирот ё қатъи амали Қоидаҳои мазкур тавассути нашр дар сомонаи интернетии Оператор: www.babilon-m.com ва ohangbazm.tj на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо кардани чунин тағирот огоҳ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор зикршуда тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи интишори тағйироти Қоидаҳо раддияи худро аз қабули Қоидаҳои тағирёфта ирсол накунад, инчунин, иштирокро дар «ОҳангБазм»-и бо шартҳои нав гузаронидашаванда идома диҳад, пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот, чунин тағйирот аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда ҳисобида мешавад.
16.9. Даъвоҳо оид ба кори Портал ба почтаи электронӣ: info@ohangbazm.tj ирсол карда мешаванд.
16.10. Дар сурати розӣ набудани иштирокчӣ бо дурустии кори AI-scoring, Ташкилкунанда тафтиши дастии роҳи аудиоиро дар давоми 10 рӯзи корӣ анҷом медиҳад. Қарори Ташкилкунанда ниҳоӣ мебошад.